# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Ташаккул додани шахсияти нав, ки ҳамсафару ҳамрадифи замон бошад, дар шароити кунунӣ аз муҳимтарин масоили тарбиявӣ ва маърифатӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар ин замон, ки муносибатҳои байналмилалӣ рӯ ба рушд намуда, дар пешрафти соҳаи илму маориф бояд ҳар як фард нақши амиқи худро гузорад. Афзалияти илму донишро ба ҳамзамонаи гӯшзад намудан ва аз рӯи фазилат аз донишҳои ҷадиди муосир бархурдор шуданро дар зеҳну тафаккури худ мақом бояд ниҳад.

Санъати мусиқӣ беҳтарин василаест, дар тафаккури шахсияти кас нақши амиқ ва бориз мегузорад. Дар ин замина мебояд, ки тадриси суруд ва мусиқиро дар муассисаҳои таҳсилотӣ ба ҳадди аҳсан таълим дод. Маҳз тавассути мусиқӣ метавон хонандагонро дар руҳияи зебоипарастӣ ва ифтихор аз миллату муқаддасоти он парвариш намуд. Ҳамзамон ин қишри ҷомеаро бо ошно намудан ба назокату фасоҳати санъати мусиқӣ таасуроту тассавввуроти онҳоро ба дарки васеи фарҳанги мусиқӣ тақвият бахшид, то ба ин равиш такомули фардии худро сидқан ҳифз кунанд.

Таълифоти Боев Шаҳобиддин Раҷабвлиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” ба ҳамин масъалаи муҳимми омӯзишӣ ихтисос ёфта, баррасӣ, таҳлилу таҳқиқ, пешниҳоду мулоҳизаҳои ироанамудаи муҳаққиқ илман асоснок карда шудаанд. Дар ин пажуҳиш бори нахуст салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни омӯхтани фанни суруд ва мусиқӣ бо баҳрабардорӣ аз бозиҳои гуногуни мусиқӣ-дидактикӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, хулоса, пешниҳоду тавсияҳо ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст, ки дар маҷмуъ тамоми масъалаҳои дар таҳқиқот матраҳгардидаро дар худ ғунҷонида тавонистааст. Муҳақиқ дар боби нахусти рисола, ки “Асосҳои назариявӣ–методологии бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ” ном ниҳодааст, перомуни моҳият ва мазмуни бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро ҳамчун василаи инкишофдиҳандаи салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар чараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба маърази андеша гирифта, дар зимн бо истифода аз таҳқиқотҳои

анҷомдодаи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ пажуҳишу мулоҳизаҳои хешро дарҷ намудаст.

Дар боби дуюми рисола таҳти унвони “Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” шароитҳои педагогии салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо баҳрабардорӣ аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ асосан дар муассисаҳои таҳсилотӣ тариқи таҳқиқоти озмоишӣ санҷида шуда, натиҷаҳои бадастомада дар ҷадвалу нақшаҳои алоҳида нишон дода шудааст.

Муҳақиқ аз ин нишондодҳо ба чунин хулоса омадааст, ки дар ташаккули салоҳияти шахсияти кӯдакон дар ҳолати таъсироти мусбати бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ вижагиҳои хоси равонии хонандагон ба амсоли хотира, тафаккур, идрок, мушоҳида, мантиқ, эҳсосот, худтакмилдиҳӣ ва мустақилият парвариш ёфта тадриҷан рӯ ба такомул мениҳад. Истифодаи оқилона аз асбобҳои мусиқӣ тахаюлоту тасаввуроти хонандаи хурдсолро нисбат ба суруд ва мусиқӣ рушду густариш бахшида малакаву маҳорати онҳоро мустаҳкам менамояд.

Дар қисмати хулосаи фишурдаи диссертатсия натиҷа ва мулоҳизаҳои худро мураттаб баён дошта, нақш ва таъсири бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро дар рафти дарсҳои суруд ва мусиқӣ барои ташаккул ёфтани шахсияти хонандагони хурдсол муҳим ва муфид арзёбӣ кардааст.

Тавсияҳои ироанамудаи муҳаққиқ бунёдӣ буда, дар роҳи баланд бардоштани маърифат ва дарки мусиқӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ арзиши муҳими назарявӣ ва амалӣ дорад. Бартарияти ин таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф хулоса ва пешниҳодҳои қобили мулоҳиза ва мантиқиро иброз доштааст, ки аз огоҳии комил доштани муҳаққиқ дар доираи ин мавзуъ дарак медиҳад.

Автореферати рисола ҳамаи масъалаҳои сохтории рисоларо фаро гирифтааст. Муҳаққиқ бо дар авлавият қарор додани рушду тақвият бахшидан ба салоҳиятҳои хонандагони хурдсол зимни фарогирии дарси суруд ва мусиқӣ ба суд бардоштан аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро дар рӯзгори имрӯз тақозои замони муосир арзишдоварӣ намудааст.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои дар КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон сабтгардида ба нашр расондаи муҳаққиқ мазмун ва мундариҷаи рисоларо дар худ бозтоб кардааст. Метавон ба чунин хулоса омад, ки ин таҳқиқот аз рӯи маводи пажуҳишӣ ва ҳалли густурдаи масоили мавриди таҳқиқ таълифотии пурмуҳтаво ва комили илмӣ ба шумор меравад.

Дар автореферат нуқсону канбудиҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасад,

ки дар нашрҳои баъдӣ ислоҳ намудани он ба манфиати кор аст.

Фишурдаи рисолаи намзадии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” фарогири мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти мазкур буда, ба талаботи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон посухгӯст ва соҳиби он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

Доктори илмҳои педагогӣ,
Саркотиби илмии Академияи
Таҳсилоти Тоҷикистон М. Б. Каримзода

03.04. 2025

Маълумот барои тамос: 734003, ҶТ, ш.Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов. 11/2; Тел: +992 900 85 35 35; E-mail: takmiI-bbk@maiI.ru.

*Имзои* М. Б. Каримзодаро *тасдиқ мекунам.*

*Нозири кадрҳо ва коргузории АТТ* *М. Саидова*

РАЁСАТИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА. РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ